# Сайр кун бо Огаҳӣ ҳамроҳ дар боғу чаман...



Қадам айлабон илм йулида бош.
Ҳунар касбида айлар эрдим талош.
Огаҳий

Зиҳӣ, меъроҷи дилҳо остони чархафзоят,
Шуда бар чашми ҷонҳо сурмасо хоки кафи поят.
Огаҳӣ

# А Ш Ъ О Р И   Ф О Р С Ӣ  ( т о ҷ и к ӣ )

Огаҳийнинг форсий (тожикий) шеъриятини тайёрлашга тӯлиқ кирилл хаттига асосланган тожик алифбоси ва имло қоидасига риоят қилинди. ӯзбек китобхонлари уч қоидага эътибор беришлари даркор:

1. "Ӣ" ҳарфи "ий" ӯқилади; Огаҳӣ - Огаҳий, бозӣ кун – бозий кил.
2. "Ҷ" ҳарфи "Ж" ӯқилади; Ҷоми Ҷам – Жоми Жам, Маҷнун – Мажнун.
3. Агар сӯз унли овоз билан битса, "И"-йи изофат "йи" ӯқилади; шефтаи бозӣ - шефтайи бозий, Чашмаи Кавсар – Чашмайи Кавсар.

Огаҳий зуллисонайн шоир бӯлиб, унинг ширу шакар шеъриятини тайёрлашда ҳам ӯзбек ва ҳам тожик имло қойидаларига риоят қилинди.

## Бисмиллоҳир-раҳмонир-раҳим

Зиҳӣ, аз ҳуснат аҳли ҳуснро зебоҷамолиҳо,
Зи ишқат ошиқонро пояи соҳибкамолиҳо.

Ба завқи шаҳд васфи лаъли гӯёи равонбахшат,
Забонҳо ҳамчу тӯтӣ ёфта ширинмақолиҳо.

Ба сад тадқиқ натвон баста мазмуни даҳонатро,
Гусаста табъҳо, сарриштаи нозукхаёлиҳо.

Шуда занҷири гесӯи парешон тори мушкинат,
Дили девонагонро боиси ошуфтаҳолиҳо.

Ба дарди доғи ҳиҷронат касе, к-ӯ мубтало гардад,
Давояш нест ҷуз шому саҳар дилсӯзнолиҳо.

Чи шуд як ҷуръа махмурӣ, агар аз бодаи васлат,
Ба мастӣ то қиёмат мекунад ишратсиголиҳо.

Рамузи ошноӣ бо сухан равшан намегардад,
Магар дар шарҳи ӯ гардад забонҳо гунглолиҳо.

Макун таҳқир риндонро, ҳазо, к-аз тоати ноқис,
Ба даргоҳи Илоҳӣ хуштар ояд лоуболиҳо.

Ҳавои гулшани ҳамдат кунад гар Огаҳӣ ҳар гоҳ,
Ба чашми табъи ӯ бинмо гули мазмунолиҳо.

Эй, забонам карда дар бар чун нигин номи туро,
Шуд дилам оинавор рӯи гулфоми туро.

Кардаам дар роҳи ту ин чашми хокиро ғубор.
То бувад рӯзе, ки бӯсам нақши иқдоми туро.

Умрҳо шуд дар миёни ҷон гирифтам чун алиф,
Дар фироқат фикри қад сарви гуландоми туро.

Кай шавад, ё Раб, ки дар базми висолат мерасам,
То ба кай таскин диҳам дилро ба пайғоми туро.

Халқ аз хони наволат ҷумла неъматпарвар аст,
Нест як муре нашуд маҳфуз инъоми туро.

Ҳеҷ кас аз нашъаи эҳсони ту махмур нест,
Ҷумлаи аҳли ҷаҳон масти майи ҷоми туро.

Донаи ашкат бияфшон, Огаҳӣ шому саҳар,
То ки мурғи илтифоташ мешавад роми туро.

Ё Раб, ба ҳаққи мартабаи ашку оҳи мо,
Бигзар зи ҷурми мову бубахшо гуноҳи мо.

Саргашта ба водии ҳаҷрем умрҳо,
Лутфат бикун, ба кӯйи ту ҳодии роҳи мо.

Дармондаем дар шаби ғам чун дами саҳар,
Зулматзудой кун нафаси субҳгоҳи мо.

Гардид хушк ҷисми наҳиф аз самуми оҳ,
Сарсабз кун зи абри карам ин гиёҳи мо.

Аз ҷаври чарх бо ту гурезем, чунки нест,
Ҷуз сояи паноҳи ту бар сар паноҳи мо.

Бошад ба саҷдаат сари мо ба кӣ? Чун туӣ
Шоистаи суҷуду парастиш, Илоҳи мо.

Бар фарқи мо агар бирасад гарди роҳи ту,
Гардад баланд аз сари гардун кулоҳи мо.

Гар бар дари ту бандагии мо шавад қабул,
Бошад баландтар зи Ҷам иқболу ҷоҳи мо.

Чун Огаҳӣ ба зери ғамат нотавон шудем,
Рухсори зарду қадди дуто бас гувоҳи мо.

Надонам, аз чи оташ дар ҷигар тобаст шабнамро,
Ки сар то пой аъзо аз гудоз обаст шабнамро.

Ҳамеша баргҳои гул шуда бистар ба паҳлӯяш,
Чаро, ё Раб, ҳама шаб дида бехобаст шабнамро,

Сараш бар саҷда бошад, зин ҷиҳат дар хоки ин бӯстон,
Ки нақши пои он гулчеҳра меҳробаст шабнамро.

Махӯр ҳаргиз фиреб аз фурсати ҳастӣ дар ин гулшан,
Ки умри нимрӯзӣ сахт ноёбаст шабнамро.

Зи шодӣ гар нишон ҷӯӣ, арақ аз шарми ҳастӣ шӯй,
Ки ин кори фараҳафзо майи нобаст шабнамро.

Саропо чашм бош, аммо ҳамеша маҳви ҳасрат шав,
Дар ин гулзори ибрат ин сифат бобаст шабнамро.

Баландиро зи ҳастӣ кун талаб, к-аз хоксориҳо
Ба парвози ҳаво омода асбобаст шабнамро.

Агар ёрам намояд рух, чӣ айб аст изтироби ман,
Ба тоби офтоб, охир, куҷо тобаст шабнамро?

Ба муйи бири ашкам Огаҳӣ дар ҳаҷр агар ғалтат
Аҷаб набвад, ки дар шаб сайри маҳтобаст шабнамрор.

Эй гули сероби ҷаннат, рӯйи тобони Шумо,
В-эй шароби ноби Кавсар, лаъли хандони Шумо.

Хиҷлатафзои ниҳоле садраи тубо шуда,
Ҷилваи ҷонпарвари сарви хиромони Шумо.

Хизри хат гар сабзу хуррам мешавад, охир чӣ айб?
Тарбият ёбад мудом аз оби ҳайвони Шумо.

Умрҳо шуд аз дили маҷмӯи аҳли дарди ишқ,
Бурд яксар ҷамъият зулфи парешони Шумо.

Гар ҷаҳон вайрон шавад, набвад аҷаб, гар як нигоҳ,
Шӯри маҳшар кард пайдо чашми фаттони Шумо.

Эй шаҳи дарёато, раҳме кун аз баҳри Худо,
То шавад чун дигарон махсус эҳсони Шумо.

Огаҳӣ ҳар дам дуоҳо мекунад вирди забон,
То ки ҷоми муддао нӯшад ба даврони Шумо.

Зи васли гулрухон то базмгоҳам гулшанаст имшаб,
Фиғони булбулам дар даҳр оташафканаст имшаб.

Чароғон гашта зоҳир аз фурӯғи ҳусни маҳрӯён,
Шаби торики ман чун субҳи бахтам равшанаст имшаб.

Чи соқиву чи ҷоми май, чи нуқлу бода, чи мутриб,
Ҳама асбоби базми айш хирман-хирманаст имшаб.

Чи пурсӣ аз нишоти айши майнӯшон, ки аз шодӣ
Чу шиша корашон ҳам гиря, ҳам хандиданаст имшаб.

Ба мастӣ шуд чунон бо ошиқонаш роми маъшӯқон,
Ки лабҳо бар даҳону дастҳо дар гарданаст имшаб.

Дар оғӯшам кашидам дилбарам  ман ҳам ба мастӣ сахт,
Ки гӯё ҷисми ӯ ҷон асту ҷони ман танаст имшаб.

Яди байзо намудӣ, чун маро май додӣ, эй соқӣ,
Таҷаллигоҳи базми ман зи айман-айманаст имшаб.

Мукаррар кун маро май доданатро дам ба дам, яъне,
Ки додан аз ту маймун асту хӯрдан аз манаст имшаб.

Чи ғам аз тири борони ҳаводис боданӯшонро,
Ки соғар бо сари амвоҷи саҳбо ҷавшанаст имшаб.

Дар ин маҳфил агар ҳар кас гурезад аз қадаҳнӯшӣ,
На мард аст ӯ, бигӯ зан, балки камтар аз занаст имшаб.

Зи айши аҳли ин маҳфил зи Огоҳӣ чӣ мепурсӣ?
Ба ҳайрониву мадҳушӣ забонаш алканаст имшаб.

Мададгорӣ намуда ахтари бахтам маро имшаб,
Мунаввар гашт чашмам аз рухи он маҳлиқо имшаб.

Ба мурданҳо расида будам аз дарди фироқи ӯ,
Ба нӯши омадан бахшид дардамро даво имшаб.

Ба роҳатҳо мубаддал гашт озори ҷафоҳояш
Чу омад он ситамгар карда изҳори вафо имшаб.

Шабу рӯз орзуям буд бӯси лаъли нӯшинаш,
Биҳамдуллоҳ, ки ҳосил шуд маро ин муддао имшаб.

Дар ин маҳфил, ки майхорон ҳамеша сархуши команд,
Шуда аз нашъаи ҷоми тараб комам раво имшаб.

Маро, эй Хизр, нанмоӣ ба сӯи оби ҳайвонат,
Ки нӯши лаъли дилдорам бас аст оби бақо имшаб.

Шабу рӯз Огаҳӣ аз шукри ин неъмат машав ғофил,
Ки комат кард ширин аз майи лутфаш Худо имшаб.

Зиҳӣ, меърочи дилҳо остони чархфарсоят,
Шуда бар чашми ҷонҳо сурмасо хоки кафи поят.

Зи авҷи баҳр эҳсони ту афлок аст як қатра,
Зи сатри мусҳафи рӯи ту хуршед аст як оят.

Навиди комёбиҳост аз лутфат, ки бо ҳар кас,
Агар аз абрӯи нозат муяссар гардад имоят.

Чи имкон то қиёмат як дам аз мастӣ ҷудо гардад,
Агар афтад ба махмурӣ нигоҳи нашъапаймоят.

Туро ин аст, агар занҷири зулфи ҳалқаҳои ӯ,
Наёбад кас раҳоӣ то абад аз доми савдоят.

Зи ҳаҷри хушкаломиҳои лаълат мурдаам акнун,
Биё, кун моили мӯъҷазнамоиҳо Масеҳоят.

Маро аз бахшиши мулки ду олам мешавад беҳтар,
Даме бар пурсиши ҳолам кушоӣ лаъли гӯёят.

Бикун як ҷилваву бар сурати ҳолам тамошо кун,
Тамошоҳо шавад пайдо зи ҳолам аз тамошоят.

Зи шавқу завқи як бӯса чакад об аз даҳони ман,
Чу бинам дар шакархоӣ агар лаъли шакархоят.

Биё аз дидаи номаҳрамон, эй маҳ, ниҳон имшаб,
Ки дар хилватгаҳи ҷонам муҳайё кардаам ҷоят.

Намедонам чи ҷурм аз Огаҳӣ содир шуд, эй золим,
Ки бар ҷонаш гузашт аз ҳад бурун ҷавру ҷафоҳоят.

Давои дарди ман омад нигоҳи чашми шаҳлоят,
Ҳаёти ҷовидонам шуд адои лаъли гӯёят.

Агар гӯӣ ба ман ногаҳ, туӣ як бенавои ман,
Маро он дар ду олам давлати узмост беғоят,

Намегирам ватан дар қасрҳои гулшани ҷаннат,
Агар ҷоям диҳӣ дар сӯҳбати фирдавсосоят.

Бигирам мулки ҳафт иқлим, шуд дар ҳукми ман тобеъ,
Даме аз гӯшаи чашмат расад бо ман як имоят.

Маро хуштар бувад аз шоҳии кавнайн агар пурсӣ,
Ки ҳолат чист дар кунҷи ғамам хусбида танҳоят.

Биёбам сарфарозиву бубинам Аршу Курсиро,
Агар бахшӣ маро бо сурмагӣ гарди кафи поят.

Зи базли ганҷи олам хубтар бошад, агар бо ман
Намоӣ як табассум аз ду лаъли гавҳаросоят.

Расад фарқам ба гардун, эй парӣ, ногаҳ агар гӯӣ,
Ки эй шайдои маҷнунам ба ин маҷнуни шайдоят.

Иҷобат бо дуои Огаҳӣ азбаски макрун аст,
Умедам онки уқбоят шавад беҳтар зи дунёят.

Эй, аз сари ту пурзебу зинат, гашта кулоҳи иқболу давлат,
Сар барниҳодан бо хоки кӯят, шуд хисрав онро меъроҷу иззат.

Бо он маротиб гардуни воло, бо он мадориҷ хуршеди зебо,
Бо остонат гардад ҷабинсо, то ин ки ёбад иқболу рафъат.

Гашта ба тоҷат Хуршед гавҳар, омад ба тахтат Ноҳид зевар,
Буда ғуломат шоҳон саросар, шому саҳар шуд ҷӯёи хидмат.

Гавҳар муаззаз аз афсари ту, афсар мутарраз аз гавҳари ту,
Гардида гардун гирди сари ту, доим намуда изҳори суръат.

Афкандаи ту сарпои шоҳон, шармандаи ту зарринкулоҳон,
Арзандаи ту Руму Сифоҳон, зебандаи ту дайҳиму шавкат.

Бар зоти покат иззат мусаллам, аз илтифотат давлат мукаррам,
Хидматгузорат маҷмӯи олам, бар ҷон ниҳода сад бори миннат.

Бо ту масаллам иқболу шоҳӣ, зебад ба фарқат зарринкулоҳӣ,
Рафта зи адлат расми маноҳӣ, қувват гирифта аҳкому суннат.

Бо хоки кӯят ин зору музтар, доим ниҳода бо оҷизӣ сар,
Хонам дуоят аз ҳад фузунтар, дорам таваққӯъ аз ҳақ иҷобат.

Эй шоҳи хайли хубони зебо, акнун тараҳҳум кун Огаҳиро,
Гар ғам намонда як зарраосо, дар ҷисми зораш осори қувват.

Шуд зи умри бебақои худ магар огоҳ субҳ,
Меравад аз хештан ҳар дам кашида оҳ субҳ.

Гашт чун мӯят сафед, аз худ бишуд аспи умед,
Омаданро бин, ки бо рафтан кунад ҳамроҳ субҳ.

З-ин гулистон ваҳшати моро нафас бошад далел,
Шуд муайян рафтанаш гар зад нафас ҳар гоҳ субҳ.

Ҷилваи ёрат агар хоҳӣ, зи ҳастӣ дур шав,
Мекушояд баҳри меҳр аз рафтани худ роҳ субҳ.

Фурсате ку, то ба захми дил кунӣ марҳам талаб,
Рафт бо чоки ҷигар аз фурсати кӯтоҳ субҳ.

Гар таманноят бувад огоҳии асрори Ҳақ,
Як нафас магзар ба ғафлат хоҳ шому хоҳ субҳ.

Гар биҷӯӣ ҷилваи мақсад, замират соф кун,
Юсуфи хуршедро бошад ҳамеша чоҳ субҳ.

Субҳхезӣ шуд нишони толеъи масъуди кас,
Ғафлат аст осори шумии гадову шоҳ субҳ.

Огаҳӣ аз дил талаб кун ҷилваи матлуби худ,
Матлабат меҳру мунир асту дили огоҳ субҳ.

Дил боз хаёли рухи ӯ кард, чаман шуд,
Ҷон низ ақиқи лаби ӯ дид, Яман шуд.

Бикшод чу машшот гиреҳ аз сари зулфаш,
Бар гардани шавқи мани девона расан шуд.

То васфи каломи лаби ӯ кард забонам,
Ҳар нуктаи софаш ба баҳо дурри Адан шуд.

Аз сунбули мӯяш ҳама шеърам шуда хушбӯ,
Ҳар мисраи рангин чу гулистони Хутан шуд.

Фахрам чи аҷаб имшаб аз ин давлати узмо,
Он ганҷ вафо карда карам моили ман шуд.

Аз роҳи талаттуф ба сарам омада ногоҳ,
Чун рӯҳи равон дохили афсурдабадан шуд.

Он шамъи карам чун шаби ман кард мунаввар,
Ҷон пардаи фонус шуду ҷисм лаган шуд.

Хилватгаҳи тангам шуда чун гулшани фирдавс
Имшаб, ки ба он дилбари гулчеҳра ватан шуд.

Чун хӯрд зи  дасти карамаш ҷоми иёнат,
Мастона ҳазин Огаҳӣ саргарми сухан шуд.

Кунгулнинг жойи, то дар оташи ишқат муқаррар шуд,
Чиқа олмай ул ӯтдин якнафас, ҳамчун самандар шуд.

Ики лаълинг фироқида шудам гирён, аз чашмам
Оқиб қон ашк ила ҳар қатрааш марҷону гавҳар шуд.

Кеча оҳимдин учқунлар, ба боло рафта пай дар пай,
Аларнинг ҳар бири даври чархдек тобанда ахтар шуд.

Зулоли Хизри Кавсар шарбатин ҳаргиз нахоҳам хӯрд,
Манга бир қатра гар аз бодаи лаълат муяссар шуд.

Юзунг хуршед, то карда тулӯъ аз матлаъи хубӣ,
Сафои лутф ила хиҷлатфизои меҳри анвар шуд.

Лабинг жоми, юзунг кузгуси ҳар касро ба даст афтад,
Жаҳон мулки аро Ҷамшед гашт, ҳам Сикандар шуд.

Туну кун мунтазирдур Огаҳий бир ваъдаи лутфат,
Тараҳҳум айлаким асру парешон гашту музтар шуд.

Биё дар кулбаам, эй муғбача, ҳангоми ид омад,
Ки аз пири муғон бо майкашӣ бар ман навид омад.

Ба рӯям баста буд абвоби ишратҳо, рахт бинмо,
Ки бар қуфли тараб аз дидани рӯят калид омад.

Ба васл ором деҳ як дам, ки аз боди хазони ҳаҷр,
Тани зору заифам музтариб чун барги бед омад.

Фиғонам аз фалак бигзашт дар шоми ғамат, эй моҳ,
Ба гӯши марҳамат акнун туро вақти шунид омад.

Тараҳҳумҳо намуда аз майи васлат бидеҳ комам,
Ки чун кайфияти ҳолам туро ин дам падид омад.

Зи рӯи зарду аз мӯи сафед, эй дил, чӣ кор ояд?
Сабаб бо сӯҳбати хубон зари сурху сафед омад.

Магардон аз ҳузурат бе ҳусули муддао имшаб,
Ки нақди илтифотат Огаҳӣ карда умед омад.

Азми сайри боғ кун, эй гулузор, омад баҳор,
Карда сад файзу таровaт ошкор омад баҳор.

Боғҳоро дода зинат, даштҳоро дода файз,
То кунад офоқро ҷаннатшиор, омад баҳор.

Зиндагӣ бахшида аз файзу сафо амвотро,
Карда Исиро зи мӯъҷаз шармсор, омад баҳор.

Кун тамошо, к-аз кафи дарё нишони абрҳо
Бар сари боғу чаман гавҳарнисор, омад баҳор.

Ҷомаҳои лолаву гулро зи шабнам ҳар тараф
Карда саршори шароби хушгувор, омад баҳор.

Аз хазони ҳаҷр махмурони ишратро зи дил
Баҳри дафъи ғуссаву ранҷи хумор, омад баҳор.

Магзарон беҳуда ин ҳангомро, огоҳ бош!
Пеш аз ин дар даҳр беҳадду шумор омад баҳор.

Дил мабанд айёми ишратро, ки дар гулзори даҳр,
Ваҳшиву камфурсату беэътибор омад баҳор.

Сайр кун бо Огаҳӣ ҳамроҳ дар боғу чаман,
Вақти гулгашти гулистон, эй нигор, омад баҳор.

Ба гулзори ҷамол омад гули зинатфизо рӯяш,
Ба боғи дилрабоӣ сунбулистон гашт гесӯяш.

Чӣ сон ёбам раҳоӣ аз каманди ғамзааш, ё Раб?
Ду олам шуд асири як нигоҳи чашми ҷодуяш.

Хаёли чашмаш аз дил гар бурун н-ояд, аҷаб набвад,
Ки аз дашти Хутан ҳаргиз нагирад ваҳшат оҳуяш.

Сазад гар ғарқи ҳайрат мешавад оина з-он маҳрӯ,
Ки гардад мавҷзан дарёи ҳусн аз ҳар буни мӯяш.

Тамошо кай тавонад кард ҳар кӯтаҳназар, эй дил,
Ки бас нозукниҳолу авҷи истиғност абрӯяш.

Куҷо бо зоҳидони дил боғи ҷаннатро шудӣ моил,
Агар гардад муяссар бар ҳама кас гулшани кӯяш.

Зи рашки он парирух чашми олам кӯр мехоҳам,
Ки ҳар нокас ба густохӣ наяндозад назар сӯяш.

Дар ин гулшан зи ҳоли гул биҷӯ ибрат, ки ҳар соат,
Рамад аз бӯи ӯ рангаш, ҷаҳад аз ранги ӯ бӯяш.

Ба пеши ӯ ба густохӣ куни арзи таманноят,
Наметарсӣ магар, эй Огаҳӣ, аз тундии хӯяш!

Ба ҷон кӯшиш кун, эй дил, дар қабули ҳукми фармонаш,
Вале ҳаргиз мазан дам аз шикасти аҳду паймонаш.

Ҳусули коми дигар орзу кардан зи ту ҳад нест,
Туро як нуктаи ширин бас аст аз лаъли хандонаш.

Чу нӯши лаъли нӯшинаш насибат нест нӯшидан,
Бинӯшу дам мазан ҳар лаҳза заҳри чашми фаттонаш.

Агар хоҳӣ ба захми ҷони афгорат расад марҳам,
Ҳадаф кун синаи софат ба шасти тири мижгонаш.

Ту  дар зулмоти ҳиҷрон ташнагиҳоро қаноат кун,
Ки дар васлаш насиби дигарон аст оби ҳайвонаш.

Ҷафову ҷаври бедодаш кашиданро муҳайё шав,
Вале аз дил бурун кун орзуи лутфу эҳсонаш.

Агар расми тағофул инчунин аст он паривашро,
Нигаҳ кардан ба чашми лутф бар ҳолат чи имконаш.

Чу воқиф шуд рақиб, аз сӯҳбати он шӯх берун о,
Ки дӯзах беҳ аз он ҷаннат, ки бошад ҳаққи шайтонаш.

Баланд аст он қадар меъроҷи истиғнои он дилбар,
Ки ҳолат, Огаҳӣ, маълум шавад ҷуз оҳу афғонаш.

Худовандо, ба ишқат кун баланд оҳи саҳаргоҳам,
Бисӯз аз оташи дардат саропо чун пари коҳам.

Замин кибрӣ диҳад то кай, маро бори гарон ҷоне,
Фалак сери бубахшо дар раҳат чун шӯълаи оҳам.

Чӣ созам, то бигирам зуд, ё Раб, домани мақсуд?
Ки он беҳад баланди ман, бағоят косткӯтоҳам.

Ба манзилгоҳи васлат раҳбарам кун, ҳодии лутфат,
Ки ман дар водии фурқат басе ҳайрону гумроҳам.

Ба ҳаққи муқбилони остони иззатосорат,
Агарчи ғарқи исёнам, макун мардуди даргоҳам.

Маро аз сӯҳбати бефайзи ноаҳлон ҷудоӣ деҳ,
Ки якҷо обу оташ ҷамъ натвонад шудан бо ҳам.

Халосӣ дода аз банди тамаъ, кун лоиқи иззат,
Ки муддатҳо ба хорӣ мубталои қаъри ин чоҳам.

Чӣ имкон аст дил бардоштан аз кори дунёӣ,
Аз он беҳудакориҳо набахшӣ гар ту икроҳам.

Ба доғи дарди фақрам карда афзун гармии тоқат,
Диламро сард кун аз молу мулку давлату ҷоҳам.

Туӣ мунъим, зи ту хоҳам мукаррар неъмату комам,
Ки ман-ман як гадои мубрами ин шайъи Оллоҳам.

Маро гар дар сари кӯят диҳӣ шаъни гадоиро,
Ба мулки ҷумла олам хешро бинам, шаҳаншоҳам,

Чӣ бошад ҳоли ман рӯзи ҷазо? Ё Раб, ки дар ғафлат,
Гузашт аз сар ҳама солам, зи дастам шуд ҳама олам.

Гуноҳи беҳисобам авф кун вақти ҳисоби кор,
Мадеҳ шармандагӣ дар маҷмаъи акфову ашбоҳам.

Ба аҷзи пириву бечорагиҳоям тараҳҳум кун,
Шунида нолаи дилсӯзаму афғони ҷонкоҳам.

Намуда раҳнамуниҳо, маро кун озиму роҳӣ,
Ки ёбам дар ду олам аз мақосид, ҳарчи меҳоҳам.

Чунон ободие деҳ аз карам ҳоли харобамро,
Ки то гардад маро маъмур мулки дину дунё ҳам.

Зи асрори ҳақиқат гаштаам чун Огаҳӣ ғофил,
Ба ҳаққи аҳли Ҳақ гардон аз он асрор огоҳам.

Шабе танҳо биё чун моҳи тобон, аз сарат гардам,
Рухатро кун маро шамъи шабистон, аз сарат гардам.

Даровар сарви қаддатро дар оғӯши мани зорат,
Ки печида бар ӯ чун ишқипечон, аз сарат гардам.

Зи ҳаҷри лаъли нобат мурдаам, гар зиндаам хоҳӣ,
Карам кун аз лабат як бӯса эҳсон, аз сарат гардам.

Маро дар як саҳар бинмо гулистони ҷамолатро,
Чу булбул карда сад фарёду афғон, аз сарат гардам.

Шаби ҳиҷронам аз шамъи маҳи рӯят мунаввар кун,
Ки парвона шавам ман зору ҳайрон, аз сарат гардам.

Шудам бемор аз дарди хумори бодаи васлат,
Даво кун аз шароби лаъли хандон, аз сарат гардам.

Нисори хоки поят мекунам нақди дилу ҷонро,
Шавӣ бар Огаҳӣ як шом меҳмон, аз сарат гардам.

Боз лаъли ширинат аз сухан дурафшон кун,
Қимати шакар бишкан, нархи гавҳар арзон кун.

Карда ҳар нафас зоҳир ҷонфизо табассумҳо,
Мавҷи чашмаи Кавсар аз лабат намоён кун.

То шавад дар ин гулшан банда сарви озода,
Сарви нози зебоят ҳар тараф хиромон кун.

Бе ту сӯҳбату айшам тира чун зимистон аст,
Омада баҳоросо ҳамчу боғи Ризвон кун.

Чун ба маснади хубӣ шоҳи соҳибэҳсонӣ,
Ошиқи фақиратро нақди бӯса эҳсон кун.

Хотами лаби лаълат, лутф кун, ба дастам деҳ,
Дар мамолики комам то абад Сулаймон кун.

То ба кай зи абрӯят мекашӣ камони ноз,
Хотирам ба як имо шод карда қурбон кун.

Коми зоҳиди ғофил аз вараъ нашуд ҳосил,
Соқиё, ба як ҷом аз пешааш пушаймон кун.

Шамъи оразат афрӯз з-оташи шароб имшаб,
Аз фурӯғи дидорат маҷлисам чароғон кун.

Карда шӯхиву бозӣ бе ҳиҷоби мастона,
Аҳли базмро яксар маҳву лолу ҳайрон кун.

Огаҳӣ шуд афсурда аз заифиву пирӣ,
Шарбати ду лаълатро дар ҳақаш дучандон кун.

Аз сарат гардам, аё шӯх, биё, бозӣ кун,
Нақди ҷонро кунам исор туро, бозӣ кун.

Ҷон ба лаб омада аз орзуи бозии ту,
Карда раҳме ба ман аз баҳри Худо, бозӣ кун.

Дили ошуфтаи ман шод агар мехоҳӣ,
Бикушо кокулу бо нозу адо, бозӣ кун.

Мақсади коми ман аст аз ту тамошо дидан,
Имшаб эҳсону карам карда маро, бозӣ кун.

То шавад базми гулистон зи гули айшу нишот,
Шуда чун ғунча зи лаб ханданамо, бозӣ кун.

Бозият боиси ороиши базму тараб аст,
То шавад аҳли тараб комраво, бозӣ кун

Аҳли маҷлис ҳама бар бозии ту мунтазиранд,
Шуда аз моҳи рухат пардакушо, бозӣ кун.

Соқиё, май ба ҳама доду ту ҳам бода бинӯш,
Мутрибон гашта ҳама нағмасаро, бозӣ кун.

Бишунав нолаву фарёду фиғони дафу чанг,
Ба ту гӯянд, ки эй моҳлиқо, бозӣ кун.

Ба фиғон ор дили ошиқи сарбозонро,
Баста аз хотири ман занг, биё, бозӣ кун.

Огаҳӣ шефтаи бозият, эй тозаҷавон,
Ту ҳазин, пир ҳазин, гир дуо, бозӣ кун.

То кай кунад мақом диламро хаёли ту ,
Кай мешавад ба дида дарояд ҷамоли ту.

Дар фурқати ту умр сар бурдаам, вале
Як дам нашуд ҳанӯз муяссар висоли ту.

Пӯшида гашт меҳри рухат то ба зери алф,
Дар тирашоми ғам шудам ошуфтаҳоли ту.

Чун лола доғ  бар сари ҷонам ниҳодааст,
То лаъли оташини ту ҷо кард холи ту.

Аксе наяфканӣ  чу бар оинаи дилам,
Дар дида мушкил аст, ки бинам мисоли ту.

Бар моҳи ту назар накунам, то ки дидаам
Дар осмони ҳусн ду мушкин ҳилоли ту.

Дар роҳи ту ба чарх расад фарқи Огаҳӣ,
Гар мешавад чу гирди сараш поймоли ту.

Эй дил, зи чарх ком таманно макун абас,
Аз ташнаком об тақозо макун абас.

Гар оқилӣ, сор бидарад гуруснагӣ,
Серӣ ҳавас зи неъмати дунё макун абас.

Аз рангу бӯи ҳусн вафо орӣ аст, бас
Гулҳои ин ҳадиқа тамошо макун абас.

Мурғи ҳавои қудсии олам хароба аст,
Онро чу чуғз маскану маъво макун абас.

Ҷуз дард нест орзуи ҷоҳ бар сарат,
Дарди саре барои ту пайдо макун абас.

Кун илтиҷо зи аҳли карам ҷумла комро,
Аммо зи ҳар хасис тавалло макун абас.

Ганҷи хуфия аст дар дили вайрона рози факр,
Ин ганҷро ба ҳеҷ кас ифшо макун абас.

Зоҳид, ту кистиву майи ҷоми ишқ кист?
Худро ба деромада расво макун абас.

Дар кунҷи узлат Огаҳӣ доим муқим бош,
Рағбат ба сайри боғи мусаффо макун абас.

Ба ҳар ҷо ибтидо он шӯхи қотил гар кунад бозӣ,
Тапад ҷон дар бадан чун хуни бисмил сар кунад бозӣ.

Ҳазар аз чашми шӯхаш кун, ки аз таҳрики ҳар мижгон,
Мудом он қотили бераҳм бо ханҷар кунад бозӣ.

Кунад дар ҳар нафас пайдо ҷунун сад шӯриши маҳшар,
Дар он маҳфил, ки он тифли парипайкар кунад бозӣ.

Забонаш дар даҳан гарми сухан гардидааст абдал,
Ва ё моҳии ҷон дар чашмаи Кавсар кунад бозӣ.

Фараҳпарвар каломи нозуки лабҳои рангинаш,
Тамошо кун, ки ду ёқут бо гавҳар кунад бозӣ.

Ҳазар аз шӯълаи оҳи дилам кун, эй бути наврас,
Ки худро сӯзад он тифле, ки бо ахтар кунад бозӣ.

Намуда лутф гоҳе, кун ба ман бозӣ, ки бас хуб аст,
Гаҳе бо ошиқи бедил агар дилбар кунад бозӣ.

Чи мепурсӣ зи дарди ҳаҷри он хуршед аҳволам,
Ки барқи оҳи ман ҳар шом бо ахтар кунад бозӣ.

Агар гардад дилам шод аз рухи зардам, аҷаб набвад,
Ки ин мискин мудом аз давлатам бо зар кунад бозӣ.

Зи оғӯши адам шуд ҷилвагар ин ҳастии мавҳум,
Шарори коғазам дар зери хокистар кунад бозӣ.

Махӯр ҳаргиз фиреб, эй Огаҳӣ, аз ваъдаи васлаш,
Тамасхур карда бо ту он фусунгустар кунад бозӣ.

# М у х а м м а с о т и   ф о р с ӣ

## Тахмиси Огаҳӣ бар ғазали Бедил

Хуш он даргаҳ, ки аҳли факр ёбад иззу ҷоҳ онҷо,
Зи худ то нагзарад, касро нагардад ҷойгоҳ онҷо,
Ба саъйи хоксориҳо гадоҳо подшоҳ онҷо,
Ба авҷи кибриё, к-аз паҳлӯи аҷз аст роҳ онҷо,
Сари мӯе гар инҷо хам шавӣ, бишкан кулоҳ онҷо.

Касе хоҳад, ки худро гар зи аҳли ишқ бишморад,
Ба саъйи нестӣ аввал асар аз хеш нагзорад,
Зи ман ин нуктаро ҳамчун гуҳар бояд ба гӯш орад,
Адабгоҳи муҳаббат нозу шӯхӣ барнамедорад,
Чу шабнам сар ба меҳри ашк меболад нигоҳ онҷо.

Чу шамъ аз сӯхтан дар шоми ҳиҷронаш наёсоям,
Вале он меҳрчеҳра нозанинро нест парвоям,
Аҷаб набвад расад ҳар дам ба чарх оҳи фалаксоям.
Ба ёди маҳфили нозаш саҳархез аст аҷзоям,
Табассум то куҷоҳо чида бошад дастгоҳ онҷо.

Агар дорӣ таманно тори озодӣ ба худ бастан,
Гусастанро зи ҳастӣ гир бо мақсуд пайвастан,
Тамошо кун маро, гар хоҳӣ аз ҳастӣ бурун ҷастан,
Ба саъйи ғайр мушкил буд з-ошӯби дуӣ растан,
Саре дар ҷайби худ duздидаму бурдам паноҳ онҷо.

Нигоҳи ҳарзатозатро замоне маҳви мижгон кун,
Ба худ чашми тааммул во куну сайри гулистон кун,
Намуда саъйҳо пои талаброро вақфи домон кун,
Муқими дашти улфат бошу хоби ноз сомон кун,
Ба ҳам меоварад чашми ту мижгони гиёҳ онҷо.

Чи суҳбатҳо, ки дар олам ба чашми орзу дидӣ,
Чи ишратҳо, ки дар даҳр аз забони халқ бастандӣ,
Ҳама бар ҳоли арбоби вафо вақф аст ҷовидӣ,
Хушо, базми вафо, к-аз хиҷлати изҳори навмедӣ,
Шарар дар санг дорад парфишониҳои оҳ онҷо.

Дар ин маҳфил ба аҳли ишқ доим ошноӣ кун,
Мудом аз сӯҳбати аҳли ҳаво майли ҷудоӣ кун,

Намегӯӣ, вале худро муқими порсоӣ кун,
Зи тарзи машраби ушшоқ сайри бериёӣ кун,
Шикасти ранги кас обе надорад, зери коҳ онҷо.

Ҳамеша дар кушоди корҳо кун инқиёди дил,
Ки ҳар мушкил, ки пеш ояд, кушояд бо муроди дил,
Шавад равшан ҷамеъи тирагиҳо аз кушоди дил,
Зи бас файзи саҳар меҷӯшад аз гарди саводи дил.
Ҳама гар шаб шавӣ, рӯзат намегардад сиёҳ онҷо.

Агар хоҳӣ, ки бо хуршеди матлубат расӣ ҳар шаб,
Чу Яъқуб аз сиришки худ бияфшон то саҳар кавкаб,
Вале чашмат набаста, то зи ғайр аз васл макшо лаб,
Ба Канъони ҳавас гарде надорад Юсуфи матлаб,
Магар дар худ фурӯ рафтан кунад эҷоди чоҳ онҷо.

Ба ҷайби худ фурӯ рафтан биҳишти хурраме дорад,
Тамошо муфт он озода, к-аз олам раме дорад,
Биё, сайри гиребон кун, дилатро гар ғаме дорад,
Хаёли ҷилвазори нестӣ ҳам оламе дорад,
Зи ҷайби мо саре бояд кашидан гоҳ-гоҳ онҷо.

Ба роҳи нестӣ нанҳода кас то гоми озодӣ,
Намеёбад дар ин ошӯбгоҳ ороми озодӣ,
Агарчи мерасад аз ҳар нафас пайғоми озодӣ,
Дил аз камзарфии тоқат набаст эҳроми озодӣ,
Ба санг ояд магар ин ҷому гардад узрхоҳ онҷо.

Ба қатъи роҳи мақсад ронда ҳар шому саҳар маҳмил,
Ҳама бедаступо чун Огаҳӣ шуд озими манзил,
Валекин ман чӣ созам, кори ман гардид бас мушкил,
Замингирам ба афсуни дили бемуддао, Бедил,
Дар он водӣ, ки манзил низ меафтад ба роҳ онҷо.

## Ва лаҳу айзан, 2

Тарабгоҳам туро, эй боданӯшам, маскан аст имшаб,
Зи шавқи рӯят оташ дар дилам сад хирман аст имшаб,
Кунун лозим туро бо ман тараҳҳум кардан аст имшаб,
Зи тоби бода то шамъи ҷамолат равшан аст имшаб,
Сипандосо дили парвонаам дар шеван аст имшаб.

Дар ин маҳфил, ки имшаб соқии маст аст базморо,
Ҳади ҳар кас набошад беадаб гаштан қадаҳпаймо,
Агарчи марди пурзӯрӣ, ба сурфа нӯш кун саҳбо,
Набояд кард густохона майли соғару мино,
Арӯси бода дар базми тараб мардафкан аст имшаб.

Парешону наҳифам дар ғамат чун тори гесӯят,
Ба ҳоли ман накардӣ раҳм, эй золим, чу як мӯят,
Шуда ҳамсӯҳбати ёрони бадгӯёну бадхӯят,
Ту бар тарфи чаман май хӯрдиву дар ҳасрати рӯят
Зи ҷӯши гиря ҷайбу домани ман гулшан аст имшаб.

Туӣ мушкилкушо, эй дилрабо, маҷнуну оқилро,
Дурустиҳо зи ту ҳосил шикастиҳои мушкилро,
Тамошо кун, биё, бишкастани асбоби маҳфилро,
Қадаҳ бишкаст соқӣ, ман шикастам шишаи дилро,
Ту ҳам тарфи кулаҳ бишкан, ки бишкан-бишкан аст имшаб.

Ба чашми шоҳиди фикраш зи бас худро биёрояд,
Чу зулфаш лаҳза-лаҳза дар сарам савдош афзояд,
Дар ин савдо сарам шому саҳар ҳаргиз наёсояд,
Ба фикри онки, то домони рангинаш ба каф ояд,
Сари шӯридаам чун ғунча дар пероҳан аст имшаб.

Зи шавқат буд дар ман ларза чун заррот, эй соқӣ,
Сукуни водӣ бинмуд ҷом чун мирот, эй соқӣ,
Муносиб шукр бо ту гуфтанам ҳайҳот, эй соқӣ,
Ба ман додӣ ту соғар аз яди бойзот, эй соқӣ,
Сарат гардам дуболо кун, ки рашки эман аст имшаб.

Дар ин базм Огаҳӣ аз ишрати алвон чӣ мепурсӣ?
Шумори шишаву ҷом аз мани ҳайрон чӣ мепурсӣ?
Нишоти риндҳои бехуду мастон чӣ мепурсӣ?
Амир аз нашъаи базми қадаҳнӯшон чӣ мепурсӣ?
Чароғи айшро аз оташи май равған аст имшаб.

## Ва лаҳу айзан, 3

Тан аз хами зулфаш сару по чиншикан шуд,
Сар аз ғами чашмаш ватани дарду миҳан шуд,
Ақл абрӯи вай дидаву расвои заман шуд,
Дил боз хаёли рухи ӯ карду чаман шуд,
Ҷон низ ақиқи лаби ӯ диду Яман шуд.

Чун мушк шуда атрфишон анбари зулфаш,
Буда шикану печ ҳама зевари зулфаш,
Афзун ҳам аз он хоста зебу фари зулфаш,
Бикшод чу машшот гиреҳ аз сари зулфаш,
Бар гардани шавқи мани девона расан шуд.

Аз хатти лабаш маънии ҷонбахш бихонам,
В-аз фикри даҳонаш мазаи рӯҳ ситонам,
Ширинтар аз он гашт зи ҷон шаҳди баёнам,
То васфи каломи лаби ӯ кард забонам,
Ҳар нуктаи софаш ба баҳо дурри Адан шуд.

Он гоҳ, ки бо нозу адо он бути гулрӯ,
Андохт парешон ба рухаш сунбули гесӯ,
Ашъор ба гесӯш бигуфтам ҳама чун мӯ,
Аз сунбули мӯяш ҳама шеърам шуда хушбӯ,
Ҳар мисраи рангин чу гулистони Хутан шуд.

Дасти талаб аз домани васлаш шуда кӯтоҳ,
Дар ҳаҷр кашидам ҳама шаб нолаи ҷонкоҳ,
Карда ба мани ғамзада раҳм оқибат он моҳ,
Аз роҳи талаттуф ба сарам омада ногоҳ,
Чун рӯҳи равон дохили афсурдабадан шуд.

Биншаста муқобил ба мани бедилу шайдо,
Нӯшид ба сад лутфу адо соғари саҳбо,
Гардида маро ҳосил аз ӯ коми таманно,
Фахрам чи аҷаб имшаб аз ин давлати узмо,
Он ганҷ вафо карда карам, моили ман шуд.

Аз парда бурун карда чу рухсораи анвар,
Бикшода саросар гиреҳи зулфи муанбар,
Ҷо кулбаи ман сохта ҳамчун маҳи Ховар,
Шамъи рухи ӯ чун шаби ман кард мунаввар,
Чон пардаи фонус шуду чашм лаган шуд.

Аз файзи рухаш гашт дилам маъмани Фирдавс,
В-аз гавҳари нутқаш шуда ҷон махзани Фирдавс,
Гар ҷой нахоҳам, чӣ аҷаб, маскани Фирдавс,
Хилватгаҳи тангам шуда чун гулшани Фирдавс,
Имшаб, ки ба он дилбари гулчеҳра ватан шуд.

Сад шукр, ки дилдор ба ҳангоми иноят,
Дода ба дилам бодаи гулфоми иноят,
Дилро чӣ аҷаб, ёбад агар коми иноят,
Чун хӯрд зи дасти карамаш ҷоми иноят,
Мастона ҳазин Огаҳӣ саргарми сухан шуд.

## Ва лаҳу айзан, 4

Дар ин гулшан гуле нашкуфто чун рухсори зебоят,
Нашуд ҳам ҷилвагар сарве чу нахли қадди раънoят,
Чӣ созам сарву гулро чун намебошанд ҳамтоят,
Ба ҷон, эй гулбадан, ҳастам асири сарви болоят,
Туӣ манзури муштоқон, нагирад сарву гул ҷоят,

Мани саргаштаи ҳайрон туро то ошиқи зорам,
Чаконад дам ба дам хунҳо дили маҷрӯҳу афгорам,
Кунад селобҳо ҷорӣ ба ҳар сӯ чашми хунборам,
Дили хунгаштаи ин чашми беморе, ки ман дорам,
Фидои лаъли майгунат, хароби чашми шаҳлоят,

Зи рухсорат шавад равшан фурӯғи ошноиҳо,
Зи лаълат мешавад зоҳир фунуни ҷонфизоиҳо,
Зи гуфторат аён гардад ҳама нозукадоиҳо,
Агар инаст найранги рамузи дилрабоиҳо,
Чу ман зарроти олам бошад, эй хуршеди шайдоят.

Ҳамон соат, ки бо хуршеди рӯят ишқ варзидам,
Зи хавфи дарди ҳаҷрат ҳар нафас чун зарра ларзидам,
Ҷамоли бемисолат ногаҳон аз дур то дидам,
Зи шавқи орзуи холи рухсори ту гардидам
Гирифтори каманди ҳалқаи зулфи сумансоят.

Фалак гардид хокистар зи барқи оҳи сӯзонам,
Замин шуд ғарқ сар то сар зи ашки чашми гирёнам,
Надонам боиси дилҳо, валекин ин қадар донам,
Чу гул зад хандаву шӯри табассум ранҷ бар ҷонам,
Ба ҳангоми такаллум ғунчаи лаъли шакархоят.

Зи шавқи сарви қаддат мадди афғонро расо созам,
Ба дасти бемаҷолам нолаи оҳам асо созам,
Фитода бар раҳат ҳар дам қади худро дуто созам,
Ниҳам рӯи худу бар чашми гирён тутиё созам,
Ба ҳар ҷое, ки пеш ояд,маро нақши кафи поят.

Қарори тоқатамро сӯхт оҳи ҷонгудози ман,
Басе бечораам, ҳам нест ҷуз ту чорасози ман,
Ба ҳолам дидаи лутфат кушо, эй сарвинози ман,
Нашуд манзур нозат, бехудиҳои ниёзи ман,
Ки сар дар зери поят хок гашту нест парвоят.

Зи ҷаврат ҳамчу Огоҳӣ ҳаменолам, намепурсӣ,
Ба танг омад зи афғонам ҳама олам, намепурсӣ,
Тараҳҳум карда аз идбору иқболам намепурсӣ,
Шудам овора дар ишқи ту, аҳволам намепурсӣ,
Бигӯ, бас, эй амири ҳуст, ҷуз ман кист расвоят?!

## Ва лаҳу айзан, 5

Эй, салотин омада камтар ғуломони Шумо,
Чархи олиманзалат дерина дарбони Шумо,
Ҳар киро чашми басорат ҳаст, ҳайрони Шумо,
Эй, ҳама оёти қудрат тоҳир аз шони Шумо,
Корҳои мушкил офоқи осони Шумо.

Рахши иқболи Шумо пайваста менозад ба чарх,
Аз мисоси лаъли майгунаш замин нозад ба чарх,
Зарби чавгон шамс чун гӯй андозад ба чарх,
Ҳар сареро, гар руунат кард, андозад ба чарх,
Мӯкашон орад қазо дар роҳи ҷавлони Шумо.

Ҳосиди бадхоҳ агар гарданкашӣ бошад фанаш,
Он фанаш охир кунад ҷоҳи уқубут масканаш.
Баста сар то сар ба ағлоли гарони оҳанаш,
Ғайрати Ҳақ барнаёбад ҷуз шикаст аз гарданаш,
Ҳар ки бартобад сар аз таслими фармони Шумо.

Эй шаҳи олинасаб, эй хусрави ҷамшедфар,
То абад аз соғари давлат шавӣ ишратасар,
Дар хароботи пурошӯби ҷаҳон шому саҳар,
Соқии таҳқиқ муштоқ аст, к-аз хони бадар,
Пур кунад паймонаи аъдо ба даврони Шумо.

То Шумо расми ҷаҳонгирӣ намудӣ ихтиёр,
Чун шаҳи Ховар баровард ядди теғи обдор,
Аз шуои он шуда гум то қиёмат ошкор,
Чун саҳар во кард бар офоқ боли иқтидор,
Шӯри оламгирие аз фатҳи намоёни Шумо.

Нест лозим хирмани фикри ҷаҳон анбоштан,
Бар сафоободи дил тухми кудурат коштан,
Кори дунёро, ҳамон беҳтар, ба Ҳақ бигзоштан,
Хотир аз ҳар гуна матлаб ҷамъ бояд доштан,
Нест ғофил Ҳақ аз шукри эҳсони Шумо.

Огаҳӣ аз панҷаи ихлос карда чок ҷайб,
Чун саҳар дасти дуоҳо мекушоям шому шаб,
Бар шумо фатҳу зафар рад оварад акнун чӣ айб?
Чун набошад фазли Яздон моили имдоди ғайб,
Бедил аст охир дуогӯю санохони Шумо.

## Мусамман ба тариқаи тазмин

Ҳар ки ба олам омада, бо ғами бекарона рафт.
Гарм нагашта маҷлисаш, зуд бурун равона рафт,
Ҳеҷ надида аз рухи матлаби худ нишона рафт,
Қатраи ашки ҳасраташ рехта дона-дона рафт,
Май нарасида бар лабаш, вақти майи шабона рафт,
Омада субҳ, соқию бода ҳам аз миёна рафт,
Мутриби маҳлиқо зи ҷо ҷасту ба ин тарона рафт,
Ҳар ки рамид з-ин саро, аз ситами замона рафт.

Маҷлиси ин саро, ки ҳаст, асли бинои ӯ адам,
Нест майи нишоти ӯ бе асари хумори ғам,
Меҳнати ӯ зи ҳад фузун, фурсати ӯ зиёда кам,
Ҳар ки барои ишраташ зад ба фазои ӯ қадам,
Гашт шаби нишоти ӯ тира зи оҳи субҳидам,
Рафт бурун зи маҷлис, аз даҳр кашида сад ситам,
Мутриби маҳлиқо зи ҷо ҷасту ба ин тарона рафт,
Ҳар ки рамид з-ин саро, аз ситами замона рафт.

Халқ хама дар ин саро тавъами ҳасрат омада,
Лоиқи кулфату ғаму ҷуфти машаққат омада,
Гашта қарини меҳнату дур зи роҳат омада,
Ғамзадаи малолату маҳви ҷамолат омада,
Оҳ ки, баски ин саро ҷои надомат омада,
Рафт ба ҳасрату алам, ҷумла ба ишрат омада,
Мутриби маҳлиқо зи ҷо ҷасту ба ин тарона рафт,
Ҳар ки рамид з-ин саро, аз ситами замона рафт.

Боғи ҷаҳон, ки гулшанаш омада хубу дилкушо,
Ҳаст фазои саҳни ӯ ҳамчу биҳишти хушнамо,
Сарву санавбару гулу наргиси ӯ тарабфизо,
Булбулу қумрияш басо хушнафас асту хушнаво.
Фурсати базмгоҳи ӯ ҳайф, ки ҳаст бебақо,
Айш надида аҳли ӯ, шуд ҳама озими фано,
Мутриби маҳлиқо зи ҷо ҷасту ба ин тарона рафт,
Ҳар ки рамид з-ин саро, аз ситами замона рафт.

Бин, ки мани шикаставу бесару пову нотавон,
Шаб, ки ба майкашӣ шудам, ҷониби майкада равон,
Та ба мани низор шуд паҳлӯи муғбача макон,
Маст ҳанӯз ношуда аз майи лутфи соқиён,
Кард фалак ситам маро шуд асари саҳар аён,

Аҳли тараб зи майкада рафт бурун ба сад фиғон,
Мутриби маҳлиқо зи ҷо ҷасту ба ин тарона рафт,
Ҳар ки рамид з-ин саро, аз ситами замона рафт.

Аз ситами замонаам базму тараб хароб шуд,
Бода нахӯрда ҷони ман з-оташи ғам кабоб шуд,
Тан ба замин фитодаву пасттар аз туроб шуд,
Ҳоли мани шикастадил ибрати шайху шоб шуд,
Бо рухи шоҳиди тараб оҳи саҳар ниқоб шуд,
Дидаи хираам аз ин ғуссаву ғам пуроб шуд,
Мутриби маҳлиқо зи ҷо ҷасту ба ин тарона рафт,
Ҳар ки рамид з-ин саро, аз ситами замона рафт.

Сӯхт маро сипеҳри дун аз тафи барқи оҳи ман,
Кард гузар зи нӯҳ фалак нолаи субҳгоҳи ман,
Нест ба қадри заррае дар ҳақи ӯ гуноҳи ман,
Ҳоли хароби мутрибу майкада бас гувоҳи ман,
Аз ситаму ҷафои ӯ нест касе паноҳи ман,
Ёфта фурсат Огаҳӣ арз бикун ба шоҳи ман,
Мутриби маҳлиқо зи ҷо ҷасту ба ин тарона рафт,
Ҳар ки рамид з-ин саро, аз ситами замона рафт.

## Муноҷот

Илоҳо, бандаи гумкардароҳам,
Саропо ғарқаи баҳри гуноҳам.

Зи хуни лутф хӯрда неъмати ту,
Накардам дархӯри он тоати ту.

Шуда маъмури амри нафси шайтон,
Ниҳодам по ба роҳи фисқу исён.

Ба дасти макрҳои нафси бадкор,
Гирифторам, гирифторам, гирифтор.

Талаф гардида умрам дар табоҳӣ,
Маро аз ҳад гузашта рӯсиёҳӣ.

Мудом аз иқтизои нафси бадкеш,
Паи дунёи дунам фикрат андеш.

Ба фикри фосидам ҳар ҷо, ки ҳастам,
Магар як кофари дунёпарастам.

Маро бинад агар иблиси нопок,
Шавад аз шумии корам ҳазарнок.

Агар лутфат нагардад дастгирам,
Ба расвоиву гумроҳӣ бимирам.

Худовандо, ба ҳаққи зоти покат,
Мадеҳ бо ман ба гумроҳӣ ҳалокат

Худовандо, ба ҳаққи базму таҳқиқ,
Ба дастам деҳ лаболаб ҷоми тавфиқ.

Худовандо, ба ҳаққи Арши Аъло,
Халосӣ деҳ маро аз банди дунё.

Худовандо, ба ҳаққи Чарху Хуршед,
Макун аз раҳматам маҳруму навмед.

Худовандо, ба ҳаққи Моҳу анҷум,
Ба ҳоли ман тараҳҳум кун, тараҳҳум.

Худовандо, ба ҳаққи қурби Ҷабрил,
Бадиҳоям ба некӣ соз табдил.

Худовандо, ба ҳаққи хайли мурсал,
Бигардон уқдҳои мушкилам ҳал.

Худовандо, ба ҳаққи саййиди пок,
Бикун чашмам зи дарди ишқ намнок.

Худовандо, ба ҳаққи Шоҳи Мардон,
Чу мардонат маро пурзӯр гардон.

Худовандо, ба ҳаққи Қутб-ул-ақтоб,
Маро кун аз шароби шавқ сероб.

Худовандо, ба ҳаққи ишқбозон,
Дилам дар оташи ишқат бисӯзон.

Худовандо, ба ҳаққи ашку оҳам,
Бикун маъфув ҳама ҷурму гуноҳам.

Худовандо, ба ҳаққи аҳли ирфон,
Бибар дар маҳшарам бо нури имон.

Худовандо, ба ҳаққи Ҳавзи Кавсар,
Магардон ташнаам дар ҳавли маҳшар.

Худовандо ба ҳаққи боғи ҷаннат,
Насибам кун ба хибрат айшу ишрат.

Худовандо, ба ҳаққи ҳуру ғилмон,
Маро бо ҳуру ғилмон ёр гардон.

Худовандо, ба ҳаққи ҷумла ашё,
Иҷобат кун дуои Огаҳиро.

Ки он маҳзуну мискин дар ду олам,
Шавад осудаҳолу шоду хуррам.

# Торихи вафоти Оллоҳқулихон

Оллоҳқулихон маъдалати кеш,
К-он шоҳи фалакҷоноб омад.
Аз неъмати илтифоти омаш,
Олам ҳама баҳраёб омад.
Сарҳои шаҳони ҳафт иқлим.
Дар раҳгузараш туроб омад.
Ҷисми адувон зи хавфи қаҳраш,
Бар раъшаву изтироб омад.
Ногоҳ сипеҳри бемадоро,
Бар гардиши инқилоб омад.
Аз ҳукми қазо ба бистари марг,
Он шоҳи ҷаҳон ба хоб омад.
Дар мотамаш оҳи оташолуд,
Дилсӯз ба шайху шоб омад.
Аз шӯру фиғони аҳли олам,
Айвони фалак хароб омад.
Дилҳои ҳама мулозимонаш,
Пуроташу ғамкабоб омад.
Лекин писараш Раҳимқулихон,
К-ӯ шоҳи қамаррикоб омад.
Бар тахти падар ҷулус карда,
Фармондеҳу комёб омад.
Рафта ғами ҷонгудози мотам,
Хурсандии беҳисоб омад.
Дар ҳазрати Ҳақ дуои омма,
Сад шукр, ки мустаҷоб омад.
Маҳбубу тараб ба аҳли олам,
Бепардаву бениқоб омад.
Аз давлати ӯ ба золи дунё,
Пирӣ рафта шубоб омад.
Зоташ ба кулоҳи подшоҳӣ,
Шоиставу дар хушоб омад.
Огоҳӣ ба фикр буда як шаб,
К-аз ҳотифаш ин хитоб омад:
Торих бар ин ду воқеа гӯй,
Фикри ту басе савоб омад.
Гуфт аз сари осмон гузашта,
“Маҳ рафтаву офтоб омад”.

1258ҳ .қ. مه رفته آفتاب آمد

## Торихи ҷулуси Муҳаммадаминхон

Шоҳи кишваркушой Муҳаммадамин,
Сарвари хисравони чархи ҳишам.
К-аз шукӯҳаш Араб шуда музтар,
Бандаи остони ӯст Аҷам.
Чархи саркаш ба аҷзҳои қавӣ,
Гашт бар эҳтироми ӯ қадхам.
Ҳомии давлату мураввиҷи дин,
Моҳии бидъату музили ситам.
Дар ҷаноби рафеъи манзалаташ,
Бандаи камтарин Сикандару Ҷам.
Бар ҳама хусравони оламро,
Иззаташ лозим аст бил-ил-зам.
Зоти олисифоти ӯ омад.
Матлаъи офтоби адлу карам.
Аз баён кардани мадоеҳи ӯ,
Фусаҳоро забон шуда абкам.
Дар замони муборакy маҳмуд,
Ба саодат бизад ба тахт қадам.
Шуд ямни қудуми ӯ Хоразм,
Ғайрати бӯстону боғи Ирам.
Гашта аз давлаташ ҳама шодон,
Рафта аз даҳр ҳама кулфату ғам.
Шуда афзун ба халқ айшу тараб,
Тозагӣ ёфт маҳфили олам.
Огаҳӣ бар ҷулуси ӯ торих,
“Хони гардуншукӯҳ” кард рақам.

1262 ҳ.қ. خان گردون‌شکوه

## Торихи ҷулуси Абдуллохон

Хусрави динпаноҳ Абдулло,
Хони анҷумсипоҳу чарххишам.
Покдил, покзоту покнасаб,
Сарвари сарфарозу некшиям.
Гар ба зоҳир шаҳаншаҳ аст, аммо
Дили софаш ба холиқи олам.
Ҳомии шаръиву моҳии бидъат,
Мазҳари ҷуду зеббахши карам.
Аз иноёти холиқи бечун,

Бар сарири шаҳӣ ниҳод қадам.
Бар ҷулуси хуҷиста осораш,
Шуда ҷумла ҷаҳониён хуррам.
Огаҳӣ ин ҷулусро торих,
“Шаҳ ба маснад нишаст” кард рақам.

1271 ҳ.қ. شه به مسند نشست

## Торихи ҷулуси Саййидмуҳаммадхон

Шоҳи олиманзалат, к-аз иртифоъи ҳимматаш,
Мухбири иқбол ӯро довари даврон бигуфт.
Бар сарири подшоҳӣ чун ба давлат барнишаст,
Инсу ҷон таҳнияти ӯ зоҳиру пинҳон бигуфт.
Талъати фархундааш чун дид аҳли рӯзгор,
Бар сипеҳри салтанат саъд ахтари тобон бигуфт.
Зоти маймуну саодатманду нусратпарвараш,
Ҳотифи ғайбӣ ба ҷисми мулку давлат ҷон бигуфт.
Аз ҷулусаш ҷумла бар мақсад расида сар ба сар,
Рӯзу шаб мадҳу сано беҳадду бепоён бигуфт.
Халқ аз адлаш агар осудагӣ ёбад баҷост,
Ҳокими тақдир ӯро сояи Субҳон бигуфт.
Бо сари ҷон фикр карда соли торихи ҷулус,
Огаҳӣ “соҳибқирон Саййидмуҳаммадхон” бигуфт.

1272 ҳ.қ. صاحبقران سیدمحمدخان

## Торихи бинои ҳисори беруни Хивақ

Шоҳи вологавҳару гардунсариру меҳртоҷ,
Хусрави анҷумсипоҳу бозили дарёато.
Бонии айвони дину ҳодими бунёни куфр,
Мазҳари сидқу сафову масдари ҷуду сахо.
Лутфи элга ом улуб ул навъиким жоми қадар,
Амри нофиздур жаҳонға уйлаким ҳукми қазо.
Ҳокими мулки жаҳон Оллоҳқулихон ким эрур,
Боргоҳи остониға салотин жабҳасо.
Топти ҳукми бирла Хивақ шаҳрининг атрофида,
Бир муаззам шаҳри вусъатгустару олибино.
Вусъат ичра соҳатидин арсаи олам кичик,

Рафъат ичра хокрезидин қавий авжи само.
Каҳкашон эрмас, ки бормиш кунгри кук .бо изин............................
Кавкаб эрмас зарваси гардун юзин қилмиш яро.
Вусъату рафъат ила таъмир топти айлаким,
Мумкин эрмас мисли онинг бино қилмоқ бино.
Огаҳий пири хираддин қилди торихин суол,
Айлаб изҳори фараҳ, деди: “ҳисори хушбино”.

1256 ҳ.қ. حصار خوش بنا

## Торихи бинои мадрасаи Муҳаммадаминхон

Шоҳи олампаноҳ Муҳаммадамин,
Сарвари хусравони мулкоро.
Дар нOби муҳиту лутфу карам,
Офтоби сипеҳри хайру сахо.
Моҳии бидъату музили ситам,
Зеббахши шариати ғарро.
Ҳомии миллату мураввиҷи дин,
Муҳибби аҳли донишу уламо.
Ба каломи карам иморат кард,
Ин адим-ул-мисол мадрасаро.
Ҳуҷраҳояш ба қасри хулд барин,
Таъназан шуд зи ҷӯш файзу сафо.
Саҳни вусъатфизои пурзебаш,
Чун фазои биҳишт рӯҳафзо.
Тоқҳояш чу абрӯи хубон,
Дилкашу дилкушост сар то по.
Пештоқи музайянашро сар
Аз баландӣ шуда фалакфарсо.
Накунад ҳаргиз орзуи биҳишт,
Ҳарки як ҳуҷрааш кунад маъво.
Чун кушоям забон ба таърифаш,
Ҳаст ӯро зи васф истиғно.
Умрҳо ҷустуҷӯй карда фалак,
Мисли онро надидааст асло.
З-ин ҷиҳат фикр карда торихаш,
Огаҳӣ гуфт: “хайру беҳамто”.

1268 ҳ.қ. خیروبیهمتا

## Торихи дуюм

Шоҳи фалакҷоҳ Муҳаммадамин,
Хусрави ҷамшавкату волоҷаноб.
Қотеъи сарриштаи бидъат чу теғ,
Ҳодими бунёни ҷаҳолат чу об.
Зоти ҳумоюни шарафпарвараш,
Бар фалаки ҷудсахо офтоб.
Дасти атову карамаш симпош,
Бар ҳама офоқ чу борон саҳоб.
Хуррам аз ӯ ҳам ғаниву ҳам фақир,
Беғам аз ӯ коффаи шайху шоб.
Ҳам уламо аз карамаш баҳравар,
Ҳам фузало аз шиямаш комёб.
Аз карам ин мадрасаро бемалол,
Карда иморат ба умеди савоб.
Кори бинояш шарафу ихтитом
Ёфта дар соли саодатмаоб.
Сабт намуд Огаҳӣ торихи ӯ,
“Мадрасаи хисрави волоҷаноб”.

1268 مدرسه خسرو والاجنا ب

## Торихи сайюм

Хони сахопеша Муҳаммадамин,
Мазҳари эҳсону маҳалли сахо.
Ҳокими дин омаду ҳомии шаръ,
Мушфиқи халқ омаду зилли Ило(ҳ).
Зеби бино аз шарафи ҳукми ӯ
Ёфта ин мадрасаи босафо.
Гар шуаро васфи бинояш кунанд,
Нукта то ҳашр нагардад адо.
Огаҳӣ торих ба таъмири ӯ
Кард рақам “мадрасаи хушбино”.

1268 مدرسه خوش‌بنا

## Торихи чаҳорум

Ин мадраса, ки дилкашу ҷонпарвар омадаст,
Сар то қадам ғариқи сафо гашта чун биҳишт.
Марғуб агар шавад ба малоик сазад, ки ӯ
Гашта бино ба рағбати шоҳи малаксиришт.
Мислаш надида, ҳамчу биҳишт, аҳли рӯзгор.
К-ӯро ҳама зи мушку зи тилост хоку хишт.
Мекард фикр Огаҳӣ торихи ӯ шабе,
Илҳоми ғайб гуфт, бигӯ: “сонӣ биҳишт”.

1268 ثا نی بهشت

## Торихи манори мадраса

Зиҳӣ, олӣ бино, дилкаш маноре,
Ки ҳамроҳ омада бар чархи аъзам.
Назар гар мекунад азми уруҷаш,
Бубандад дар миён сад фута маҳкам.
Саросар нақши ислимию кошӣ,
Надида мисли вай авлоди Одам.
Музайян ҳайаташ матбӯъу марғуб,
Ҳамоно, омада рӯҳи муҷассам.
Тамошояш тарабафзотар омад,
Зи қадди гулрухони ишвагар ҳам.
Бағоят нодиру олӣ бино шуд,
Ба фармони шаҳаншоҳи муаззам.
Ба торихи бинояш Огаҳӣ гуфт:
“Манори пуршукӯҳи шоҳи олам”.

1268 منار پرشکوه شاه‌عالم

## Торихи дуюм

Манори олию фархундабунёд,
Ки монандаш надида чашми афлок.
Иморат шуд ба амри шоҳи олам,
Зи ҷумла айбҳову нуқсҳо пок.
Музайян ҳайаташ, зебову марғуб,
Мисоли қомати хубони чолок.

Шуда сар то қадам рангину кошӣ,
Кунад наззорааш дилро тарабнок.
Ба чашми ақл дар вақти намудаш,
Шуда сарви саҳӣ монанди хошок.
Ки ӯ аз тубӣ омад дилкушотар,
Ба ҷаннат кард нозаш арсаи хок.
Чунонаш сӯи боло қад кашида,
Ки аз вай гашт ҷайби Каҳкашон хок.
Расида чун сутун бар хоки гардун,
Зи васфаш қосир омад ақлу идрок.
Аз ин рӯ Огаҳӣ соли ниёиш,
Рақам карда “сутуни кохи афлок”.

1269 ستون کاخ افلاک

## Торихи бинои мадрасаи Раҳмонбердӣ-бӣ

Бӣ соиби шукӯҳ, поксияр,
Офтобу сипеҳр ҷоҳу ҷалол.
Дар ҷаҳон омада або ан-ҷад,
Ҳокими мулку соҳиби иқбол.
Дар сахову карам чунонки кунанд,
Оли Ҳотам аз ӯ саволи навол.
Кард бунёд турфа мадрасае,
Ки равоқаш равоқи чархмисол.
Бар ҷаҳоиш ба Арш сояфикан,
Ҳуҷраҳояш зи Хулд фаррухфол.
Дару деворҳош дилкашу хуб,
Саҳни покаш зи файз моломол.
Хост торихи он-р Огоҳӣ
Ба карам он амири некхисол.
Дар ҳамон лаҳза бетаваққуф гуфт:
“Маъдани толибони фазлу камол”.

1258 معدن طالبان فضل و کمال

## Торихи бинои мадрасаи Мусо-тӯра

Беки олинасаб тӯра-Мӯсо,
Чанд муддат ба ҷоҳ восил шуд.
Чун зи ҷавҳарсипеҳр гашта шаҳид,

Ба риёзи биҳишт дохил шуд.
Пас аз ӯ модараш ба номи вай,
Ба бинои биқоъ моил шуд.
Ҳамчунон, к-ин хуҷиста мадрасаро,
Ки сафобахши олами дил шуд.
Баҳри хайроти ӯ иморат кард,
Ки савоби азим ҳосил шуд.
Кард ҳар кас суҷуд дар он маскан,
Дар ҳама фазлу илм комил шуд.
Соли торихи ин бинои рафеъ:
“Маскани олимони фозил” шуд.

1257(?)  1273 مسکن عالمان فاضل

## Торихи итмоми бинои мадрасаи мазкур

Беки олиманзалат Мӯсо-тӯра,
Буд дар баҳри сахо дурри ятим.
Чун ба ҳукми Ҳақ шаҳодат ёфта,
Гашт озим сӯи ҷаннот-ун-наъим.
Модараш аз баҳри ӯ ин мадраса
Кард иморат сарф карда зарру сим.
Шуд бағоят оливу дилкаш бино,
Аз ҷамеъи айбу нуқсонҳо салим.
Соли итмомаш ба гӯши Огаҳӣ
Гуфт ҳотиф: “муҷиби аҷри азим”.

1275 موجب اجر عظیم

## Торихи бинои ҳавлии Ангорики Саййидмуҳаммадхон

Шоҳи фаррух зотидур зебандаи тоҷу нигин,
Адли баҳоридин Ирам гулзоридур рӯйи замин.
Келди ҳабиб ичра бори олам элининг афзали,
Лекин насабда сарвари авлоди Фахрул мурсалин.
Хоразм мулки мақдами ямни била обод ӯлуб,
Зийнатда Хивақ шаҳридур хиҷлатфизои шаҳри Чин.
Исми ҳумоюни онинг Саййид Муҳаммадхон эрур,
Хоки дариға шоҳлар ихлос ила суртар жабин.

Амри била топти бино бир боғ, қасри дилкушо,
Лутфу сафову файз аро монандаи Хулди барин.
Минг мивалик ашжор юз бӯстониға келди муштамил,
Ҳар бӯстон бир жаннат, ҳар мева кони ангубин.
Ҳавзи фазоси Кавсари Фирдавсдек беҳҷатфизо,
Обу ҳавосидин онинг жонлар бӯлуб роҳатқарин.
Сарви гули раънолиғ рангин тамошо айласа,
Қумри онга Идрис улуб, булбул булур Рӯҳ-ул-амин.
Ул боғи дилкаш мавзиъи шуҳратародур Ангорик,
Келди жинон ғилмонлари хирманлариға хӯшачин.
Шаҳға муборак айлабон Тангри анинг бунёдини,
То ҳашр ишрат айласун онда булуб маснаднишин.
Айлаб тафоул Огаҳий Мусҳаф очиб қилғоч назар,
Топти онинг торихини "Жанноти аднин холидин".

1277(?)   1273          جنات عد ن خالدين

## Торихи бинои ҳавлии амир-ул-умаро Саййидмаҳмуд-тӯра

Фахри шаҳзодагон Саййидмаҳмуд,
Мазҳари ҷуду масдари эҳсон.
Ҳаст амири кабир дар офоқ,
Соҳиби иқтидори чарху макон.
Бонии ҳимматаш иморат кард,
Ҳамчунин ҳавлие қавибунён.
Қасрҳояш чу қасри хулд барин,
Комбахши замиру роҳати ҷон.
Дар баландӣ шуда ҳар айвонаш,
Таънаандози равзаи Кайвон.
Ҳеҷ гаҳ дар матонату вусъат,
Мисли ӯро надида чашми ҷаҳон.
Дилкушо омада ба файзу сафо,
Чун биҳишти барин саросар он.
То абад фарруху муборак бод,
Соҳибашро, ки ҳаст амири замон.
Огаҳӣ сабт кард торихаш:
"Ҳавлии олии биҳиштнишон".

1277 ҳ.қ.          حولي عالي بهشت نشان

## Торихи вафоти қозӣ Мусо-эшон

Сайййиди содот, фахри коинот,
Афзали қуззот, рафъати асбоб.
Буд Мусиву Ядди Байзо намуд,
Дар фунуни илм ҳамчун офтоб.
Остонаш қиблаи мақсуд буд,
Бар ҷамеъи аҳли файзу шайху шоб.
Рахти ҳастӣ з-ин ҷаҳон бардошта,
Кард сӯи ҷаннат-ул-маъво шитоб.
Шуд ба фирдавси ҷаҳон дар мотамаш,
З-оҳ ашки аҳли олам шуд хароб.
Фикр мекард Огаҳӣ торихи ӯ,
Як шаб аз андӯҳ карда тарки хоб.
“Қозии фирдавс омад дар сурӯш”,
Лафзи торихи вафоти он ҷаноб.

1271 ҳ.қ. قا ضي فردوس آمد درسروش

## Торихи вафоти қозӣ-Иброҳими эшон

Фозили даҳр қозӣ-Иброҳим,
Аз ҷаҳон рафту гашт восили хулд.
Карда тай роҳи зиндагониро,
Гашт ҳамсоири манозили хулд.
Ҳосили ин ҷаҳон чу дода ба бод,
Карда таҳсил ҷумла ҳосили хулд.
Чашм пӯшид чун зи рӯи ҷаҳон,
Гашт торихи нават “дохили хулд”.

1269 ҳ.қ. داخل خلد

## Торихи вафоти Сайййидмуҳаммадхон
(наввараллоҳу марқадаҳу)

Шоҳи олам Сайййидмуҳаммадхон,
Канда буда дарахти зулм аз бех.
Кард фавту зи фавти ӯ карданд

Халқи олам ба чархи дун тавбех.
Гашт аз дарди мотамаш ҳамаро,
Ҳар буни мӯй бар бадан чун мех.
Лоҷарам канда мӯй аз танҳо,
Нохуни ғам чу оҳаки зарних.
Чашм пӯшид чун зи рӯи ҷаҳон,
“Хони ҷаннатмақом” шуд торих.

1281 ҳ.қ. خان جنت مقام

## Торихи ҷулуси Муҳаммадраҳимхон
(дома иқболаҳу)

Шукр, ки шуд фош ба аҳли ҷаҳон,
Марҳамати шафқати ҳайя қадир.
Яъне ҷавонбахт Муҳаммадраҳим,
Хони қавиҳиммату равшанзамир.
Аз мадади бахт баромад ба тахт,
Бар сари афлок чу меҳру мунир.
Гашт зи осори ҷулусаш ҳама,
Хурраму хушҳол сағиру кабир.
Ёфт зи алтофу иноёти ӯ,
Матлабу мақсуд кабиру вазир.
Аз ғаму андӯҳ ба адлаш шуданд,
Фориғу осуда ғаниву фақир.
Дар караму ҳиммату ҳилму ҳаё,
Нест бар ӯ ҳеҷ адиле назир.
Давлати ӯ дида шаҳони ҷаҳон,
Шуд ҳама бар доми ғуломе асир.
Огаҳӣ торихи ҷулуси хушаш,
Кард рақам “шоҳи адолатсарир”

1281 ҳ.қ. شاه عدالت سر یر

## Торихи бинои мадрасаи Муҳаммадраҳимхон
(халладаллоҳу мулкаҳу)

Он шоҳи чархмаснаду хуршеди осмон,
К-аз адли ӯст рӯи замин ғайрати хубон.
Чун ӯ муниру меҳр ба авҷи сахову хайр,
Ҳаргиз надидааст ба сад дида осмон.

Маъмури адли ӯст ҳама кишвару билод,
Масрури базли ӯст ҳама хайли инсу ҷон.
Қасри шариат омада маҳкам зи ҳимматаш,
Хоразм пур шуд аз уламои рафеъшон.
Ин мадраса, ки ёфт бино зи баннои ҳукми ӯ,
Аз баҳри аҳли илм бинои шарафнишон.
Дар ғояти латофату файзи шарофаташ,
Бар аҳли фазл тозабиҳиштест дар ҷаҳон.
Ҳар ҳуҷраи муборакӣ ӯ чун қусури хулд,
Сар то ба фарқ пур шуда аз файзи ҷовидон.
Дар хубсуратӣ ҳама мавзун равоқи ӯ,
Марғубу дилрабост чу абрӯи дилбарон.
Роҳатфизо ҳавои мусаффо фазои вай,
Бар ҷисми мурда лаззати ҷон медиҳад равон.
Қасри биҳиштро накунад ҳаргиз орзу,
Як ҳуҷрааш агар ба касе мешавад макон.
Торих бар бинои хушаш гуфт Огаҳӣ:
“Омода, ёдгор Муҳаммадраҳимхон”.

1288 ҳ.қ. آماده یاگار محمدرحیم خان

## Торихи дуюм

Шоҳ Муҳаммадраҳимхон, ки Оллоҳ
Дод ӯро рофеъи давлату ҷоҳ.
Ёфта тахт рафъат аз қадамаш,
Аз сараш зебу фар гирифта кулоҳ,
Шаъни ислому дин аз ӯ олӣ,
Дасти куфру бидаъ аз ӯ кӯтоҳ.
Уламои замон зи тарбияташ,
Ёфт, рафта дар авҷ илм чу моҳ.
Ин адим-ун-назир мадрасаро,
Гар ба файзу сафост беашбоҳ.
Кард таъмир баҳри аҳли улум,
Нест бар васфи ӯ хирадро роҳ.
Ҳуҷраҳояш ҳама чу қасри биҳишт,
Дилкашу дилкушову хотирхоҳ.
Пештоқи сипеҳрбунёнаш,
Ба малоик шудаст манзилгоҳ.
Бар бинои муборакаш торих
Огаҳӣ гуфт: “хайри мақбали шоҳ”.

1288 ҳ.қ. خیر مقبل شاه

## Торихи сайюм

Шоҳи дарёкараму абарато,
Мазҳари марҳамату лутфи худо.
Дурри нобу садафи ҷоҳу ҷалол,
Офтоби фалаки хайру сахо.
Зарраҳо меҳр шуда аз карамаш,
Қатраҳо гашта зи базлаш дарё.
Ҳокими мулки ҷаҳон аҷдодаш,
Соҳиби тахту кулоҳаш обо.
Аз баҳори шарафи давлати ӯ
Мулки Хоразм шуда мулкосо.
Соили хони наволаш Ҳотам,
Бандаи иззу ҷалолаш Доро.
Айни адлаш ба ҷаҳон сар то сар,
Мунташир сохта чун меҳр зиё.
Ҳукми шаръ омад аз ӯ оламгир,
Сари дин гашта аз ӯ гардунсо.
Уламо ёфт зи лутфаш дараҷот,
Комрон гашта зи ҷудаш фузало.
Ба сад ихлос ба уммеди савоб,
Ин чу фирдавси барин мадрасаро.
Кард таъмир, ки дар зинату зеб,
Нест дар даҳр мисолаш асло.
Мезанад ҷӯш аз ӯ файзи Илоҳ,
Мекунад ҷаннат аз ӯ касби сафо.
Огаҳӣ баҳри биноящ торих
Ёфта: “мадрасаи файзафзо”.

1288 ҳ.қ. مدرسه فیض افزا

## Торихи чаҳорум

Ҳамин фаррух бинои илморо,
Ки шуд оли имoрат ҷаннатосо.
Ҳама баннову наққоши бинояш,
Муҳандисшеваву пуркору доно.
Мукаддар сангҳояш, лаълу гавҳар,
Муҳаққар хоку лояш мушксоро.
Ба ҷои хок суда лоҷуварде,
Ба ҷои гаҷ шуда маҳлул тилло.

Ба нақши кошии ӯ ақл ҳайрон,
Зи нури шаммаи ӯ чашм бино.
Ҳама тоқу равоқу пештоқаш,
Мунаққаш шуд зи ислимӣ саропо.
Ҳама гулдастаҳои ӯ ба сурат,
Чу сарви қомати шӯхони барно.
Фазои поки ӯ чун гулшану худ
Дилорову дилорому дилосо.
Ба ҷонбахшӣ ҳавои ӯ шабу рӯз,
Диҳад хиҷлат ба анфоси Масеҳо.
Музайян ҳуҷраҳои дилкушояш,
Ҳама қасри биҳиштосо мусаффо.
Муқимони ҷамеъи хуҷраи вай,
Ҳама алломаи яктову аъло.
Бас ин таъриф ӯро, к-ӯ бино ёфт,
Ба ҳукми олии султони воло.
Чу султон, номи поки ӯ Муҳаммад
Раҳим омад муъину ёр ӯро.
Чу бар фаррух бинояш роғиб омад,
Ҳама дилҳои софи аҳли дунё.
Аз ин рӯ баҳри торихи бинояш
Бигуфто Огаҳӣ: “марғуби дилҳо”.

1288 ҳ.қ. مرغوب دلها

## Торихи иморати масҷиди Саййидаҳмад-тӯра

(зида умраҳу)

Он сахопешаву хайрандеша,
Ки дилаш софу карим омадааст.
Ҳама обову ҳама аҷдодаш
Бар сари тахт муқим омадааст.
Назари ҳиммати ӯро беқадр
Хокосо зару сим омадааст.
Саййидаҳмад-тӯра номи покаш,
Зоташ аз айб салим омадааст.
Аз камоли карам ин масҷидро,
Ки чу ҷанноти наим омадааст.
Кард таъмир, ки мислаш дар даҳр,
Каму ноёбу адим омадааст.
Файзи ҳар ҳуҷраи ӯ бо аҳлаш,
Ҳамчу фирдавси амим омадааст.

Сокинонаш баҳри анвоъи улум,
Ҳама донову алим омадааст.
Огаҳӣ соли бинояш зи Сурӯш
“Сабаби аҷри азим” омадааст.

1288 ҳ.қ. سبب اجر عظیم

## Торихи бинои мадрасаи Муҳаммадниёз-девонбегӣ

Турфа девонбегии олиқадр,
Ки сахохӯю рострой омад.
Номи некаш Муҳаммад асту Ниёз,
Халқхешу фаррухфизой омад.
Ин рафеъ-ул-асос мадрасаро,
Ки басе хубу дилрабой омад.
Кард таъмир ончунон, ки ба ҷон
Роҳатафзою ғамзудой омад.
Шакли таъмири ӯ чу қасри биҳишт
Хубу марғубу хушнамой омад.
Тоқҳои музайянашро сар
Дар баландӣ сипеҳрсой омад.
Бо фурӯғи футӯҳу файзи Илоҳ
Ҳуҷраҳову фазош ҷой омад.
Алғараз пурсафо иморати ӯ
Мазҳари қудрати Худой омад.
Огаҳӣ, аз Суруш торихаш
“Хайрбоқиву дилкушой” омад.

1288 ҳ.қ. خیر باقی دلکشای

## Торихи дуюм

Ин мадрасаро чу дид ҳар кас,
Дарҳол ба бонуяш дуо гуфт.
Девонбегист бонии ӯ,
К-ӯро ҳама маъдани сахо гуфт.
Дар хайру сахо чунонки мадҳаш:
Дар даҳр ҷамеъи асхиё гуфт.
Номаш ки Муҳаммаду Ниёз аст,

Бе атф кӣ гуфт? ӯ баҷо гуфт.
Ин пок бино, ки бонуяш ӯст,
Бинанда биҳишти босафо гуфт.
Алломаи ақл ҳуҷраҳояш,
Чун қасри биҳишт босафо гуфт.
Огоҳӣ ба вай хуҷиста торих:
“Девонбегӣ сохт ин бино” гуфт.

1288 ҳ.қ.          دیان بیگی ساخت این بنا

## Торихи бинои мадрасаи амир-ул-умаро Саййидмаҳмуд-тӯра

Он масдари ҷуду карам, кони сахо,
В-он мазҳари лутфу шиям, баҳри ато.
К-аз ройи ҷаҳонпарвари ӯ ёфт низом,
Маҷмӯи умуру ҷумлаи кавсарҳо.
Намаш бишунав, ки ҳаст Саййидмаҳмуд,
Дар даҳр вале ӯст амир-ул-умаро.
Ин мадрасаро, ки дилкашу марғуб аст.
Аз баҳри савоб аҷри вай кард ниё.
Ҳар хуҷраи хушсафои ӯ омадааст,
Аз қасри биҳишт хуштару рӯҳафзо.
Бо гулшани фирдавс хиҷолат дода,
Ҷонбахш ҳавои саҳни вай аз ҷӯши сафо.
Эй Огаҳӣ, чун имораташ гашт тамом,
Торих шуда “биҳишти бемисл” ӯро.

1289 ҳ.қ.          بهشت بی مثل

## Торихи дуюм

Он сарвари ҳокимони одил,
К-омад сари асхиёи бозил.
Номи хуши ӯ шунав, ки Саййид
Маҳмуд, амири хушхасоил.
Ҷумла уламову фозилонро,
Лутфу карамаш ҳамеша шомил.
Аз саъйи баланди ӯ бино ёфт.
Ин мадраса чун биҳишти комил.

Дар ҳусн бино чунонки мислаш,
Манқул нашуд зи ҳеҷ ноқил.
Ин чисту соли ин чӣ гуфта,
Аз Огаҳӣ шуд касе чу соил.
Филҳол бигуфт дар ҷавобаш:
“Вай маскани олимони фозил”.

1289 ҳ.қ. وی مسکن عالمان فاضل

## Таммати таворих

*Таҳияи Р.Қурбониён*